

# Илми «Маълумот»



Дар бораи хатарҳо бо кӯдакон чӣ тавр бояд гап зад ва онҳоро дар интернет чӣ гуна бояд ҳимоя кард.

**Нигаҳ доштани муошírати самимиву содиқона ва қудратмандсозӣ калиди ҳимояи онлайнӣ ва офлайнии кӯдакон аст.**

**Маълумоте, ки рост, мушаххас, ба синну сол мувофиқ ва итминонбахш аст ба кӯдакон дар сару кор гирифтан бо таҷрибаҳои душвор кӯмак менамояд ва ҳисси тарсро паст мекунад.**

**Иҷозат додан, ки кӯдакон озодона бо саволҳои кушода гап зананд ба онҳо кӯмак менамояд, то эҳсосоташонро баён намоянд ва бо зарбаҳои равонӣ бехтар сару кор гиранд.**

**Эътироф кардани ҳиссиёти кӯдакон, рӯҳбаланд сохтан ва ба таври фаъол гӯш кардан, ба кӯдакон ҳиссиёте мебахшад, ки онҳоро дӯст медоранд, дастгирӣ мекунанд ва онҳо дар вазъи амну бехатаранд.**

**Волидайни хуб маълумотдошта, бо эҳтимоли зиёд дар бораи хатарҳои интернетӣ ва ҳушдорҳои огоҳкунандаи кӯдакон ҳамеша бохабар хоҳанд буд.**

**Доир ба бехатарии интернетӣ**

**Муқовиматпазирии кӯдакон барои ҳимояи онлайнии онҳо ниҳоят муҳим аст. Кӯдаконе, ки маълумоти хуб доранд ва медонанд, ки аз интернет чӣ гуна ба таври бехатар истифода намоянд, муҳофизати беҳтар доранд.**

**Корҳое, ки парасторон метавонанд иҷро намоянд, фаъол намудани танзимоти назорати волидайн, таҷдид кардани сканнерҳои зидди вирус ва дар сатҳи «баланд» танзим кардани махфиятро дар бар мегиранд.**

**Муқаррар намудани қоидаҳои истифодаи интернет ба назорат кардани одатҳои истифодабарии интернет аз ҷониби кӯдакон кӯмак менамояд. Синну соли гуногун муқаррар намудани қоидаҳои гуногунро талаб менамояд.**

**Вақтгузаронӣ бо кӯдакон дар интернет ва якҷоя таҳлил кардан, бехатарии онҳоро таъмин менамояд.**



## ИЛМИ «ҒАМХОРӢ»

«Аввал гӯш кунед», як ташаббуси Раёсати СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноятко рӣ (UNODC) барои дастгирӣ намудани оилаҳои хушбахт, солим ва ғамхорона тарбиякунандаи фарзандон мебошад.

Барои ба даст овардани маълумоти бештар, лутфан ба сомонаи интернетии зерин ташриф оред:

**www.unodc.org/listenfirst**

Бо дастгирии саховатмандонаи Фаронса ва мардуми Ҷопон таҳия шудааст.

UNODC
United Nations Office on Drugs and Crime